ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Ризоева Парвина Сӯҳробовна дар мавзуи «Абумузаффари Абевардӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар таҳаввули адабиёти арабизабони форсу тоҷик (асрҳои XI-XII)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 - Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб)

Диссертатсияи Ризоева Парвина Сӯҳробовна ба таҳқиқу таъйини нақши Абумузаффари Абеврадӣ ва аҳаммияти эҷодиёти ӯ дар рушди адабиёти арабизабони асрҳои XI-XII бахшида шуда, аз муқаддима, се боб, ёздаҳ фасл, хулоса ва китобнома иборат мебошад. Зарурати омӯзиши мавзуъ дар он зоҳир мешавад, ки суханвар аз худ ашъори фаровон боқӣ гузошта, ки то ба имрӯз мавриди пажуҳишу арзёбии амиқ қарор нагирифтааст. Мавзуи меҳварии рисола, инчунин, адабиёти арабизабон ҳамчун ҳосили робитаи ногусастании адабиёту фарҳанги Арабу Аҷам ва таъсири унсурҳои онҳо ба ҳамдигар маҳсуб меёбад.

Таҳқиқи анҷомдодаи унвонҷӯ аз ҷиҳати илмӣ арзишманд буда, аввалин маротиба вусъати назар ва ҳунару истеъдоди нотакрори Абумузаффари Абевардӣ, сабку услуби волои ӯ, ки борҳо аз ҷониби тазкиранигорон ва мунаққидон таъйид гаштааст, мақому манзилаташ дар назди халифаву султонҳои замон ва ҷойгоҳаш дар миёни шоирони ҳамзамонаш арзёбӣ ва таҳқиқ шудааст.

Навгониҳои таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки нахустин маротиба таҳқиқи густардаи зиндагинома ва эҷодиёти Абумузаффари Абевардӣ, ҷойгоҳи осори ӯ дар адабиёти арабизабон, фаъолияту мавқеи суханвар дар дастгоҳи ҳукумати Салҷуқиён, таъсири авзои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва адабӣ ба ташаккули ҷаҳонбинии ӯ, афкору андешаҳои муҳаққиқони асримиёнагӣ вобаста ба арзиши назму насри адиб сурат гирифтааст. Ҳамчунин, бори аввал омӯзиши девони сегонаи шоир – «Ироқиёт», «Начдиёт» ва «Вачдиёт», таъсири шеъри Абумузаффари

Абевардӣ ба ҷараёни шаклгирии адабиёти арабизабони форсу тоҷик мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Дар рисола таваҷҷуҳ ба он зоҳир шудааст, ки сохтори мавзуӣ ва муҳтавои девони шоир ба таври мукаммал мавриди омӯзиш қарор дода шуда, ҳамчунин дараҷаи корбурди муарработ муайян карда шавад.

Ҷиҳати дастёбӣ ба ҳаллу фасли масоили мазкур муаллиф аз сарчашмаҳои зиёди дасти аввал, бахусус нусхаҳои хаттии девони шоир, сарчашмаҳои муътамади қадима ва мақолаву таҳқиқоти адабпажуҳону ховаршиносони ватаниву хориҷӣ, ки ба ҳаёт ва эҷодиёти Абумузаффари Абевардӣ иртибот доранд, васеъ истифода бурдааст.

Диссертатсия дар маҷлиси кафедраи филологияи араби факултети забонҳои шарқи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» санаи 6-уми октябри соли 2021, тибқи суратҷаласаи №3 ва дар ҷаласаи шурои олимони факултети забонҳои шарқи МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» санаи 11-уми апрели соли 2022, тибқи суратҷаласаи №9 баррасӣ гардидааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.03 - Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб) комилан мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 8 мақола, ки 5-тои онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд

мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи муаллиф мазмуну муҳтавои ассосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Ризоева Парвина Сӯҳробовна истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Ризоева Парвина Сӯҳробовна дар мавзуи «Абумузаффари Абевардӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар таҳаввули адабиёти арабизабони форсу тоҷик (асрҳои XI-XII)» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Ризоева Парвина Сӯҳробовна дар мавзуи «Абумузаффари Абевардӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар таҳаввули адабиёти арабизабони форсу тоҷик (асрҳои XI-XII)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 - Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.03 - Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- Мардонӣ Тоҷиддин Нуриддин – доктори илми филология, профессор, сарходими илмии шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики Институти Осиё ва Аврупои АМИТ

- Додихудоев Рачабалӣ Муҳаммадиевич – номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Раҳмонов Р.Қ.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Суфизода Ш.З.

доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Рачабов Ҳ.
«28» ноябри соли 2022.